# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст**

Мавзӯи рисолаи таҳқиқотии Маҳмадалиев Э.Ш. таҳти унвони «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» ба таҳқиқи муҳимтарини самтҳои педагогӣ – омодакунии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ба талаботи муосир ҷавобгӯ буда, дорои аҳамияти муҳими илмию амалӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки солҳои зиёд масъалаи тайёрии касбӣ ва раванди ташаккули он дар рафти таълим, диққати мутафаккирон, олимон ва педагогҳои мамлакатҳои мухталифро дар ҳама давр ба худ ҷалб намуда истодааст. Воситаи ҷорӣ намудани омӯзиши конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ дар раванди тайёр кардани омӯзгорони технология дар баробари имкониятҳои компютерӣ аз истифодаи асбобу дастгоҳҳо, мошинаю механизмҳо, таҷҳизотҳои автоматикӣ низ иборат мебошад. Ворид намудани воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ ба раванди таълими конвергентӣ ба омӯзгори технология имкон медиҳад, ки шаклҳои гузаронидани машғулиятҳоро тағйир диҳад, усулҳои баланд бардоштани тафаккури эҷодии хонандагонро васеътар намояд. Дар натиҷа донишҷӯён доираи васеи корбарӣ ва малакаҳоро ба даст оварда, мавзӯъҳои гуногунро ба ҳам мепайвандад. Дар онҳо хислатҳои меҳнатдӯстӣ, қобилияти мустақилона фикр кардану қарор қабул кардан, ба анҷом расондани ғояҳои пешниҳодшуда ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир пайдо мешавад. Ба муносибатҳои илмии самти соҳа такя намуда, унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки омодакунии омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)ро дар асоси таълими конвергентӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд кардан мумкин ва зарур аст.

Инчунин ба ақидаи муаллиф, таҳлили фаъолияти педагогии омӯзгорони технология нишон медиҳад, ки ҳангоми ташкили раванди омӯзиш онҳо ду самти асосии ташаккули равишҳои таълими донишҷӯёнро риоя мекунанд:

-такмили таълими конвергентӣ ба мақсади ташкили самараноки азхудкунии намунаҳои додашуда ва ба даст овардани стандартҳои дақиқ муайяншуда;

-усули инноватсионӣ дар раванди таълим, ки ҳадафи он рушди имкониятҳои донишҷӯён барои аз худ намудани таҷрибаи нав дар асоси

ташаккули мақсадноки тафаккури эҷодӣ мебошад, аз таҷриба ва манбаъҳои фаъолияти таълимию тадқиқотӣ, накшабандӣ ва мукаммалгардониҳои навбатӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, таълими конвергентӣ дар лоиҳаҳои эҷодӣ ба донишҷӯён таъсири бузурги тарбиявӣ расонида, ба тафаккури тарроҳӣ, ташаккули фарҳанги технологӣ, малакаи муошират ва ташаббусу масъулият мусоидат мекунад. Ворид шудан ба лоиҳаҳо бо унсурҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ, тарроҳӣ ва тағйирот метавонад, ҳавасмандии мусбии омӯзишро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Равандҳои таълимро пурмазмун ва ҷолиб гардонида дар тарбияи сифатҳои ахлоқию меҳнатӣ, истифодаи донишҳои азхуднамуда, тарзи фаъолиятҳою малакаҳои ҳосилшудаи донишҷӯён мусоидат намояд.

Маҳмадалиев Э.Ш. ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар ҷумҳурӣ, ки соҳаҳои гуногуни истеҳсолот рушд ёфта истодааст, чунин мутахассисони боистеъдоду лаёқатманд ниҳоят заруранд ва дар мамлакати мо то ҳол таҳқиқоти алоҳидае оид ба муаммои мазкур мавриди назар гузаронида нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар илм ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ баҳри ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба омодакунии омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) барои ғанӣ гардонидани назария ва ҳам амалия мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки дар замони муосир чунин машғулияти муосири таълими конвергентии технологияи касбӣ (таълими меҳнат) ва технологияи иттилоотӣ дар МТОК, аввалан ба маҳорат ва донишмандию салоҳиятнокии омӯзгорони дарсдиҳанда, баъдан ба интизомнокӣ ва қобилиятҳои донишҷӯён, маҳорати фикрронии онҳо ва сипас раванди ташкили машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) вобаста мебошад, зеро аз рӯйи табиати худ ташкили машғулиятҳо дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти муҳим дорад.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот Маҳмадалиев Э.Ш. марҳилаҳои зарурии таҳқиқотро омӯхта, дар мантиқ, мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос намудааст.

Натиҷаи асосии таҳқиқот дар зиёда аз 19 корҳои илмӣ, ки аз ин 11 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида нашр шудааст, вобаста ба муаммои таҳқиқшуда инъикос ёфтааст.

Ҷиҳати арзишнокӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки аз тарафи Маҳмадалиев Э.Ш. мақолаҳо барои коркарди методикаи омодакунии омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) таҳия гардидааст ва онҳо мазмуни асосии рисоларо инъикос менамоянд. Боиси қайд аст, ки дар диссертатсия ба таври мушаххас таҳлили миқдорӣ ва ҳам сифатии натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҷадвал ва диаграммаҳо оварда шудааст.

Диссертатсия бо талаботи банди 51-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз тарафи Маҳмадалиев Э.Ш. таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқ ба ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошанд.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Э.Ш. ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Маъҳази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст.

Умуман мавзӯъ аз тарафи муаллифи рисола хеле муфассал мавриди озмоиш қарор дода шуда, дар қатори муваффақиятҳо якчанд камбудиҳои на чандон гарон ҳам ба назар расиданд:

1. Дар боби дувум ғалатҳои грамматикӣ ва услубӣ дида мешавад;
2. Таҳлили сарчашмаҳои илмии олимони тоҷик аз рӯи муаммоҳои таҳқиқшаванда дар ҳаҷми маҳдуд оварда шудаанд;
3. Муаллиф ҳангоми таҳияи феҳристи адабиёт ба хатогиҳои техникӣ роҳ додааст.

Бояд гуфт, ки он камбудиҳои дар болозикршуда шакли тавсиявӣ дошта, барои манфиати кор равона карда шудааст. Хулосаи комиссияи ташхисро ба инобат гирифта, чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:**

1.Диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тавсия карда мешавад;

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад;

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва чойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

а) Мирзоев Абдулазиз Раҷабович –доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудри кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

б). Қобилов Валӣ Абдураҳимович - н.и.п. дотсенти кафедраи таҷҳизот ва технологияи мошинсозии донишкадаи кӯҳию метолургии Тоҷикистон.

Раиси комиссияи ташхис д.и.п., профессор Исломов О.А.

Аъзоёни комиссияи ташхис д.и.п., дотсент Файзиев И.Д.

н.и.п., дотсент Олов С.

"Имзоҳои раиси комиссияи ташхис ва аъзоёни онро тасдиқ мекунам"
Сардори РК ва КМ-и МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯзов Э. М.